**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 070.13 (575.3) (72.12. 2Т)

**ЗОИРИЁН БАХТИЁР ШОДИБЕГ**

# МАСЪАЛАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илми филология аз рӯйи**
**ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**ДУШАНБЕ – 2023**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Қудбуддинов Абдулмумин Ҳошимович** – доктори илми филология, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Саидмуроди Хоҷазод** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

Ҳимояи диссертатсия «21» декабри соли 2023, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии №10, толори шурои олимони факултети филология) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» ___________ соли 2023 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар таърихи давлатдории ҳар халқу миллат омӯзишу баррасии мавзуъҳои байналхалқӣ ҷиҳати мушаххас кардани вазъи сиёсии замон ва муносибат бо кишварҳои хориҷӣ бисёр муҳим ба шумор меравад. Ба ин мавзуи муҳим дар давраҳои гуногун дар баробари сохторҳои махсуси давлатӣ журналистону публитсистон низ таваҷҷуҳ намуда, дар инъикоси вазъи сиёсиву иқтисодии замон маводи зиёде ба табъ мерасонданд. Назаре ба саҳифаҳои матбуоти тоҷик дар даврони Иттифоқи Шуравӣ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ дар гузаштаи начандон дури мо то кадом андоза муҳим ба шумор мерафт ва адибону публитсистон дар баррасӣ ва омӯзиши он чӣ саҳме доштанд. Яке аз публитсистоне, ки ба ин мавзуъ бисёр таваҷҷуҳ карда, дар баробари саҳифаҳои матбуот онро ба майдони васеи адабиёт низ ворид кардааст, шоири шаҳир А. Лоҳутӣ мебошад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ пажуҳиши инъикоси масъалаҳои байналхалқӣ дар ВАО ва осори публитсистони алоҳида барои ҳамагуна ҷомеа аҳаммияти вижа дорад. Дар ин самт омӯзиши асарҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда мувофиқи мақсад мебошад. Дар адабиёту публитсистикаи мо асарҳое, ки ба равандҳои сиёсии замон баҳо дода, ин мавзуъро аз ҳар ҷиҳат баррасӣ кардаанд, зиёданд. Эҷодкороне, ки ба ин мавзуъ рӯ овардаанд, пеш аз ҳама, мехоҳанд, чашми халқро ба рӯйдодҳои муҳимми ҷаҳонӣ кушода, онҳоро аз равандҳои хатарзои замон огоҳ намоянд. Ин ҳадафро мо дар рӯзгору осори бисёр адибони бузурги Шарқ низ ба хубӣ метавонем мушоҳида кунем, аммо А. Лоҳутӣ дар ин ҷода аз ҳамаи дигар эҷодкорон фарқ дорад. Тафовути ӯ дар ин масир аз дигар адибону публитсистон дар он аст, ки ӯ дар роҳи саодати синфи коргару деҳқон (табақаи мазлуми ҷомеа) ҳам бо қалам ва ҳам бо силоҳ мубориза бурдааст. Маҳз ҳамин омил оҳанги иҷтимоии осори назмиву насрии ӯро қавитар намуда, дар ин ҷода ба ӯ бартарӣ додааст. Муборизаҳои беамон ба муқобили мустамликадорони Англияву Россияи подшоҳӣ, Олмону Туркияи усмонӣ ва шарикони онҳо, ки давлатҳои ақибмондаи Шарқ, махсусан зодгоҳи шоир – Эронро ғорат кардан мехостанд, муносибат ва мавқеи адибро ба равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ муайян кардааст. Дар ин ҷода махсусан муносибати золимонаи истисморгарон нисбат ба мазлумон ва бераҳмона ғорат кардани сарватҳои табиии кишварҳои ақибмонда аз тарафи давлатҳои сармоядории ғарбӣ ин адиби фаълаву деҳқонпарастро мутаваҷҷеҳ сохтааст.

А. Лоҳутӣ дар осори публитсистии худ ҳадафҳои нопоку ғаразноки давлатҳои қудратманди Аврупо ва Америкаро нисбат ба мамлакатҳои ақибмонда ошкор намуда, ҳадафҳои геополитикии кишварҳои сармоядориро сабабгори бадбахтии онҳо, махсусан Машриқзамин арзёбӣ мекунад. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ иттиҳоди тамоми давлатҳои ақимондаи Шарқро ба муқобили истисморгарон муҳим мешуморад. Асарҳои дар ин самт таълифнамудаи Лоҳутӣ то ҳанӯз аҳаммияти худро гум накардаанд ва фарзияву пешниҳодҳои ӯ дар ин замина ҳоло ҳам арзишманд мебошанд, аз ин рӯ таҳқиқи мавзуи байналхалқӣ дар осори публитсистии Лоҳутӣ, махсусан дар давраи ҷаҳонишавӣ, бисёр муҳим аст.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар хусуси рӯзгору осори А. Лоҳутӣ, чи дар даврони Иттифоқи Шуравӣ ва чи дар даврони баъд аз пошхӯрии он пажуҳишҳои арзишманд дар се ҳавза – Тоҷикистону Россия ва Эрон анҷом дода шудаанд. Яке аз аввалин муҳаққиқони рӯзгору осори Лоҳутӣ С. Айнӣ ба шумор меравад. Устод Айнӣ ҳам дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ҳам дар чанд мактубу мақолаи алоҳида доир ба осори гаронмояи А. Лоҳутӣ ибрози андеша намуда, махсусан, ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва реалии ашъори ӯ баҳои баланд додааст. Муҳаққиқони русу тоҷик Э. Бертелс[1], А. Адилис[2], З. Османова[3], Я. Ориёнпур[4], Ғ. Амирӣ[5], А. Баширӣ[6], Ш. Ҳусейнзода[7], С. Табаров[8], Х. Мирзозода[9], Я. Исаев[10], Р. Мусулмониён[11], Ю. Акбаров[12], А. Абдуманнонов[13], Х. Отахонова[14], Х. Асозода[15], А. Маҳмадаминов[16] ва дигарон доир ба паҳлуҳои гуногуни зиндагинома ва осори ин адиби мумтоз таҳқиқот бурдаанд. Дар пажуҳишҳои ин муҳаққиқон ба осори А.Лоҳутӣ, асосан, аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ баҳо дода шудааст, аммо тақрибан дар ҳамаи онҳо дар хусуси фаъолияти рӯзноманигорӣ ва руҳи публитсистии осори ӯ ишораҳо шудааст. Ин ба он хотир аст, ки фаъолияти эҷодии ӯ бо матбуот тавъам буд ва тамоми асарҳои ӯ аз ҳақиқати реалӣ сарчашма мегиранду қаҳрамонҳои асарҳояш низ шахсони воқеӣ ва таърихианд. Ҷанбаи иҷтимоии осори Лоҳутӣ аз ҷониби муҳаққиқони адабиётшинос аксаран дар асоси пажуҳиши намунаи осори назмии адиб мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқон А. Саъдуллоев[17], И. Усмонов[18], А. Нуралиев[1] П. Гулмуродзода[2], Ф. Наҷмонов[3], М. Муродов[4], А. Азимов[5], С. Ҳайдаров[6], С.

---

[1] Бертелс, Э. Лоҳутӣ / Э. Бертелс // Девон. (Чопи форсӣ). – Москва: Нашриёти давлатии «Адабиёти бадеӣ», 1939. – С. 5-27.

[2] Адилис, А. Абулькасим Лахути / А. Адилис // Абулькасим Лахути. Избранное. – Москав: Государственное издательство художественной литературы, 1949. – С. 3-6.

[3] Османова, З. Жизнь и творчество Абулькасима Лахути / З. Османова // Абулькасим Лахути. Избранное. – Москва, 1959. – С. 5-12.

[4] Ориёнпур, Я. Аз Сабо то Нимо / Я. Ориёнпур. Ҷилди дуюм. – Теҳрон, 1351. – 480 с.

[5] Амирӣ, Ғ. Гузидаи ашъори Абулқосим Лоҳутӣ / Ғ. Амирӣ. – Кирмоншоҳ, 1384. – 232 с.

[6] Баширӣ, А. Дебоча / А. Баширӣ // Девони Лоҳутӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Сипеҳр, 1358. – С. 5-111.

[7] Ҳусейнзода, Ш. Санъаткори сазовори аср / Ш. Ҳусейнзода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – №5-6. – С. 8-10.

[8] Табаров, С. Адиби сухандон ва муборизи майдон / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 32 с.

[9] Мирзозода, Х. Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутӣ / Х. Мирзозода // Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Ҷ.6. – Душанбе, 1963. – 257-272.

[10] Исаев, Я. Лоҳутӣ – սарояндаи револютсияи октябр / Я. Исаев // Шарқи сурх. – 1957. – №12.

[11] Мусулмонқулов, Р. Фуруғи шеъри ҷонпарвар / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984.

[12] Акбаров, Ю. Ашъори Лоҳутӣ дар хориҷа / Ю. Акбаров, Ҳ. Шодиқулов // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 209-217.

[13] Абдуманнонов, А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

[14] Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1982.; Чеҳраҳои шинохта. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 176 с.

[15] Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 300 с.

[16] Маҳмадаминов, А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 100 с.

[17] Саъдуллоев, А. Гузаргоҳ ва равзанаҳои абадият / А. Саъдуллоев // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Маводҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 32-38.

[18] Усмонов, И. Сарбози инқилоб / И. Усмонов // Садои Шарқ. – 1987. – №5.; Таърихи матбуоти тоҷик / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.; Хизри раҳи аҳли адаб / И.Усмонов // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 30 ноябр.

Гулов[7] ва Б. Қудбиддинов[8] дар мақолаву таҳқиқотҳои алоҳида дар хусуси фаъолияти журналистӣ ва баъзе ҷанбаҳои иҷтимоии асарҳои Лоҳутӣ ба таври умумӣ маълумот додаанд. Бо вуҷуди ин осори публитсистии А. Лоҳутӣ ба таври мушаххас таҳқиқношуда боқӣ мемонад, аз ин рӯ ин пажуҳишро метавон аввалин иқдоми таҳқиқи нисбатан пурраи публитсистикаи адиб ном бурд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи байналхалқӣ ва факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ тариқи таҳлил ва омӯзиши фарогири осори публитсистии ба мавзуъҳои байналхалқӣ бахшидаи А. Лоҳутӣ, маълум ва мушаххас кардани мавқеъ ва муносибати публитсист ба равандҳои сиёсии замон ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқи мавзуъ ҳалли вазифаҳои зерин зарур шумурда мешавад:

– муайян кардани таъсири вазъи замон дар ташаккули шахсияти эҷодии адиб ва бархӯрди ӯ ба воқеаҳои сиёсии давр;

– нишон додани самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб ва баррасии мавзуоти муҳимми рӯз дар назму насри ӯ;

– муаррифии фаъолияти рӯзноманигории Лоҳутӣ, робитаи ногусастании ӯ бо матбуот, таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо аз ҷониби ӯ ва нақши ин адиби публитсист дар рушди журналистикаи садаи XX;

– таҳлил ва таҳқиқи муносибату мавқеи адиб ба авзои сиёсии замон, ошкор сохтани аҳдофи давлатҳои абарқудрат дар алоқамандӣ ба муборизаи онҳо барои касби нуфуз аз нигоҳи А.Лоҳутӣ;

– нишон додани мавқеи масъалаҳои байналхалқӣ ва таснифоти мавзуии он дар публитсистикаи Лоҳутӣ;

– Истифодаи жанрҳои публитсистӣ зимни шарҳу тавзеҳи авзои минтақаву ҷаҳон (дар қолабҳои назму наср).

**Объекти таҳқиқот** осори публитсистии Лоҳутӣ мебошад, ки ба мавзуъҳои байналхалқӣ бахшида шудаанд;

---

[1] Нуралиев, А. Матбуоти хориҷӣ дар бораи А. Лоҳутӣ / А. Нуралиев // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 22 октябр.

[2] Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 164 с.

[3] Наҷмонов, Ф. Ватандор / Ф. Наҷмонов // Садои Шарқ. – 1987. – № 12.; Як манбаи бедории фикри устод Лоҳутӣ / Ф. Наҷмонов // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Маводҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 28-36.

[4] Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.

[5] Азимов, А. Марзи сухан / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2008 – 80 с.; Лоҳутӣ ва маҷалласи «БАС» / А. Азимов // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Материалҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 52-53.

[6] Ҳайдаров, С. Лоҳутӣ ва журналистика / С. Ҳайдаров // Асрори сухан. (Маҷмуаи мақолаҳо оид ба масъалаҳои журналистика, адабиёт ва фолклор). – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 167-170.

[7] Гулов, С. Устод Лоҳутӣ ва Тоҷикистон / С. Гулов // Омӯзгор. – 2017. – 21 декабр.

[8] Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.

**Предмети таҳқиқ.** Таҳқиқи хосияти публитсистии асарҳои назмиву насрии адиб, ки ба мавзуъҳои мубрами байналхалқӣ бахшида шудаанд, предмети таҳқиқро ташкил менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дар ин таҳқиқот ба осори назарии донишмандони маъруфи соҳаи публитсистика, хоса таҳқиқоти эътирофшудаи публитсистикашиносону адабиётшиносони хориҷиву дохилӣ В.В. Ворошилов, В.В. Ученова, Е.П. Прохоров, Я. Ориёнпур, А. Маниёзов, Х. Асозода, М. Имомзода, А.Н. Нуралиев, А.С. Саъдуллоев, И.К. Усмонов, П. Гулмуродзода, М. Муродов, А. Азимов, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев, М. Муқимов, А. Абдуманнонов, С. Гулов, С. Ҳайдаров, Б. Қутбиддинов ва дигарон такя карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Усулҳои асосии таҳқиқоти мазкур таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (муҳтавоӣ) ҳамчунин таҳлили мантиқӣ аст. Истифодаи ин усулҳо имкон медиҳад, ки сатҳи баррасии мавзуъ ва масъалаҳои байналхалқӣ дар асарҳои алоҳида ва мавқеъгирии публитсист ба воқеаҳои муҳимми замон муайян карда шавад. Дар раванди пажуҳиш ҳамзамон усулҳои таҳқиқи гнесиологӣ ва шарҳу тафсири илмӣ низ аз мадди назар дур намондаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ** мақолаҳо, хитобаҳо, очеркҳо, назми иҷтимоӣ ва дигар намунаи осори публитсистии фарогирандаи мавзуоти байналхалқии адиб, ки, асосан, дар нимаи аввали асри ХХ эҷод шуда, дар саҳифаҳои матбуоти замон ва маҷмуаву куллиёти адиб чоп шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Публитсистикаи А. Лоҳутӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иҷтимоии замонашро фаро гирифта, он то ҳол ба таври мушаххас мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Масъалаҳои байналхалқӣ як паҳлуи бисёр қавии публитсистикаи адибро дар бар мегирад, ки он ҳамчун объекти таҳқиқот комилан нав мебошад. Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, бо он асоснок карда мешавад, ки мавзуи масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ бори аввал ба пажуҳиш кашида мешавад ва онро метавон ҳамчун як таҳқиқоти фарогир дар ин ҷода унвон кард.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Нақши замон ба таъсири шахсияти сиёсиву эҷодии Лоҳутӣ, таъсири фаъолияти иҷтимоии адиб ба руҳияи осораш, дигаргуниҳо дар осори даврони аввали эҷодиёти ӯ.

2. Робитаи зич пайдо намудани Лоҳутӣ бо матбуоти замон аз даврони ҷавонӣ ва таъсири он дар кулли осори боқимондаи адиб.

3. Таваҷҷуҳи хосаи Лоҳутӣ ба масъалаҳои байналхалқӣ дар давраҳои мухталифи эҷодии ӯ, тараннуми озодии синфи коргару деҳқон дар ҳама гуна сохти сиёсӣ.

4. Таҳлили равандҳои сиёсии замон дар асарҳои публитсистии мазмуни байналхалқидошта, пешгӯии паёмадҳои воқеаву рӯйдодҳои мушаххас дар асарҳои алоҳида, аҳаммияти сиёсии фарзияҳои пешбинишуда ва алоқамандии он ба вазъи сиёсии ҷомеаи муосир.

5. Инъикоси муборизаҳои идеологӣ ва сиёсии публитсист дар муқобили давлатҳои сармоядорӣ ва қувваҳои истисморгаре, ки синфи коргару деҳқонро истисмор мекунанд, дар осори публитсистии адиб.

6. Лоҳутӣ ва рушди масъалаҳои байналхалқӣ дар назми муосири тоҷик, эҷоди аввалин шеърҳо дар мавзуоти муборизаҳои сиёсии истилогарони аврупоӣ ба муқобили ИҶШС, Ҷанги якуми ҷаҳон ва омилҳои он, ба қудрат расидани ҳукуматҳои фашистӣ дар Аврупо, ҳуҷуми Олмони фашистӣ ба ИҶШС, ҷанги сард ва сиёсати геополитикии Америка дар адабиёту публитсистикаи тоҷик.

7. Истифодаи имконоти жанрҳои публитсистӣ дар шарҳи мавзуъ ва масъалаҳои байналхалқӣ; мақола, нигориш, мактуб, фелетон ва памфлет жанрҳои серистеъмол дар баррасии мавзуъҳои сиёсати ҷаҳонӣ дар публитсистикаи Лоҳутӣ.

8. Назми публитсистии Лоҳутӣ ва фарогирии масъалаҳои мубрами байналхалқӣ дар он, жанрҳои публитсистӣ дар қолаби назм, назми иҷтимоӣ силоҳи муҳимми мубориза зидди муфтхӯрону истисморгарон.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Ҷанбаи назарии рисола тасаввуротро дар хусуси таъсири осори публитсистии адибон дар мисоли публитсистикаи А. Лоҳутӣ ба мафкураи одамон, дар алоқамандӣ ба ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоӣ тавсеа мебахшад. Ин таҳқиқ муносибат ва мавқеи публитсистро ба масъалаҳои байналхалқӣ мушаххас намуда, воридшавӣ ва рушди ин мавзуи муҳимро дар публитсистика ва адабиёти тоҷик равшан месозад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро рӯзноманигорон, донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, сиёсатшиносон, мутахассисоне, ки дар соҳаҳои гуногуни ВАО фаъолият доранд, метавонанд истифода баранд. Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин барои пажуҳишҳои дигар, таълим дар факултаву шуъбаҳои журналистӣ барои курсҳои махсусу дарсҳои интихобӣ мавод дода метавонад. Инчунин дар асоси маводи диссертатсия таҳияи монография ва воситаҳои таълимӣ низ имконпазир аст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи Абулқосим Лоҳутӣ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант аснои таҳқиқот таҳлили маводи ҷамъоварда, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст. Мақолаҳои илмии диссертант ҳосили пажуҳишҳои ӯ буда, ҳаммуаллиф надорад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳии илмию амалӣ ва назариявии зерин дар шакли маърузаҳо баён шудаанд: конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2019), «Публитсистика ва баъзе масъалаҳои

он дар даврони истиқлолият» (Душанбе, 30-юми сентябри соли 2022), «Радиои муосири тоҷик: вазъ ва дурнамо» (Душанбе, 6-уми апрели соли 2023); конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявӣ дар мавзуи «Пажуҳиши журналистикаи байналхалқӣ: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 2-юми марти соли 2021), инчунин дар конфронсҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии ҳайати устодону кормандони ДМТ (солҳои 2018-2023).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №4, аз 20.10.2022) ва ҷаласаи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №5, аз 30.01.2023) баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 фасл, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 194 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, асосҳои методологии таҳқиқ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, заминаҳои асосии мавзуъ дар робита ба манбаъҳои илмию адабӣ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **“Назаре ба рӯзгор ва осори Абулқосим Лоҳутӣ”** ном гирифта аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли аввал – “**Нақши замон ба зиндагӣ ва ташаккули шахсияти эҷодии Лоҳутӣ”** бештар ба саҳифаҳои нисбатан камомӯхташудаи зиндагонии адиб таваҷҷуҳ зоҳир гардида, аз он воқеаву руйдоде ёдоварӣ шудааст, ки дар ташаккули шахсияти сиёсиву эҷодии ӯ таъсири бештар доштанд. Омӯзиши рӯзгори А. Лоҳутӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти сиёсии ӯ дар Эрон – иштирок дар инқлобҳои озодихоҳӣ ва машрутия, фаъолият дар дастаҳои жандармерӣ, роҳбарӣ намудани инқилоби Табрез дар соли 1922, ки дар таърих бо номи “Шӯриши Лоҳутихон” маъруф аст; кору зиндагӣ дар Туркия, ки ду карат дар байни солҳои 1914-1915 ва 1918-1921 ба онҷо ҳиҷрат карда буд; ба ИҶШС гузаштани ӯ ва дар вазифаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсии давлати шуравӣ кор карданаш барои то дипломати Шарқи мусалмонӣ ва сиёсатмадори шинохтаи байналмилалӣ камол ёфтани ӯ мусоидат кардаанд. Дар маҷмуъ ин ҳама роҳи пурпечу тоби ҳаёт дар камол ёфтани Лоҳутӣ ҳамчун як шахсияти сиёсиву эҷодӣ мусоидат кард. Пушти сар кардани ин ҳама мушкилиҳо ӯро аз як бачаи саркаши кафшдӯзи маҳаллаи Барзадимоғи Кирмоншоҳ то чеҳраи намоёни сиёсӣ, яке аз пешвоёни инқилобҳои мардумии Эрон, муассиси як қатор ташкилоту ҷамъиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар Туркия, сиёсатмадор ва идеологи барҷастаи

Иттифоқи Шуравӣ рушд доданд. Фаъолияти сиёсиву иҷтимоӣ дар фазои гуногун ба эҷодиёташ ҳам бетаъсир намонд. Дар ҷодаи эҷод ӯ аз як сарояндаи ашъори соддаи ошиқонаву тасаввуфӣ то ба шоири интернатсионалист, яке аз асосгузорони назми инқилобии Шарқ камол ёфт. Дар заминаи муборизаҳои сиёсӣ матбуотро муҳимтарин омили мубориза бо душманони идеологӣ шинохт ва дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаёташ – ҳам дар Эрону Туркия ва ҳам дар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шуравӣ, барои тараққӣ додани он кӯшиш намуда, дар ин ҷода ҳам хизматҳои шоёнеро анҷом дод. Лоҳутӣ барои ташкилу рушди як қатор рӯзномаву маҷаллаҳо, аз ҷумла "Чантаи побараҳна", "Шарқ", "Бесутун" дар Эрон, маҷаллаи "Форс" дар Туркия, "Тоҷикистони сурх", "Деҳқони камбағал", "Барои адабиёти сотсиалистӣ" ва як қатор нашрияҳои дигар дар Тоҷикистон саҳми арзишманд гузоштааст. Дар диссертатсия ҳамаи ин марҳилаҳои зиндагии публитсист дар алоҳидагӣ, бо овардани мисолҳои мушаххас ва такя ба манбаъҳои боэътимод мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюми ин боб – "**Самтҳои асосии фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ"** самтҳои гуногуни эҷодиёти публитсист мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. А. Лоҳутӣ аз ҷумлаи он адибонест, ки тақрибан дар ҳама соҳаҳои эҷод ҳунар озмудааст. Паҳлуҳои эҷодиёти ӯ аз назму наср, публитсистика, дрматургия, тарҷумаи асарҳои адибони хориҷӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ ва, баракс, аз форсӣ-тоҷикӣ бо русӣ иборат мебошад.

Тақрибан дар ҳамаи соҳаҳои эҷод, ки Лоҳутӣ ба онҳо рӯ овардааст, муваффақ шудаву маҳбубият пайдо кардааст, вале чизе, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ овардааст, ин назми баландмазмуну реалистонаи ӯ мебошад. Фаъолияти шоирии А.Лоҳутиро бо дарназардошти муҳити эҷодӣ ва замониву макони метавон ба се марҳилаи умумӣ ҷудо кард, ки он аввалин самти ташхисие дар муайян кардани ҷавҳари иҷтимоии ашъори ӯ ба ҳисоб рафта метавонад:

1. Фаъолияти эҷодӣ дар Эрон
2. Ҳиҷратҳои муваққатӣ дар Ироқу Туркия
3. Зиндагӣ ва эҷод дар Иттифоқи Шуравӣ

Осори офаридаи ин адиби маъруф дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо дар камолоти ӯ (ҳамчун шахсият) бо мавзуъ, услуб ва афкори иҷтимоию сиёсиаш фарқ мекунанд.

Аз он ки рӯзгори Лоҳутӣ дар Эрон, асосан, ба муборизаҳои сиёсӣ ба муқобили сохти шоҳӣ ва империалистони хориҷӣ сипарӣ шудааст, ашъори дар ин давра эҷодкардаи ӯ ҳам аксаран "мазмуни даъватӣ ва оҳанги публитсистӣ"[1] доштанд ва мардумро ба майдони мубориза мехонданд. Ашъори ин давраи эҷодиёти шоир бо мазмуни рӯзмаррагии худ ҳамагӣ дар рӯзномаҳои замон чоп шудаанд. Дар ин ашъор Лоҳутӣ аз услуби образнок баён кардани фикр ва фаровон истифода кардани санъатҳои бадеии шеър сарфи назар кардааст.

Хусусияти фарқкунандаи ашъори дар ҳиҷратҳои муваққатӣ навиштаи А.Лоҳутӣ, ки дар Ироқ ва аксаран дар Туркия эҷод шудаанд, бо рамзу киноя ва

[1] Абдуманнонов, А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов. – Душанбе, 1987. – С.7.

обуранги бадеӣ ифода кардани масъалаҳои муҳимми сиёсии замон аз ҷониби шоир мебошад. Пажуҳишгарони эҷодиёти адиб ба ашъори ҳангоми муҳоҷират навиштаи ӯ баҳои баланд дода, аз ҷойгоҳи муҳимми онҳо дар осори боқимондаи шоир ёдовар шудаанд. Худи шоир дар тарҷумаи ҳолаш сабаби рӯ овардан ба тамсилро дар ашъори замони муҳоҷират шарҳ дода, навиштааст, ки "агар матлабро ошкор мегуфтам сензураи ҳарбии Туркия, ки дар зери назорати инглисҳо буд, ашъори зиддиимпериалистии маро ҳаргиз ба матбуот роҳ намедод"[1].

Дар давраи ҳаёту фаъолияташ дар ИҶШС Лоҳутӣ дар эҷодиёташ "чун муборизи фаъол ва тарғибкунандаи ҳаёти нав"[2] баромад мекунад. Аз рӯзҳои аввали ба Иттифоқи Шуравӣ омадан то оғози давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мундариҷаи асосии назми иҷтимоии адибро мавзуи сохтмони сотсиализм дар тамоми мамлакатҳо, инъикоси кулли воқеаҳои давлати советӣ, одамони он, бинокорони ҷамъияти нав, ҳамаи масъалаҳои идеологӣ ва майлу рағбати бешумор, ки бо мубориза барои сохтмони сотсиалистӣ вобаста буданд, аҳамияти байналхалқии ғалабаи сотсиализм, тарғиби дӯстии байни миллатҳо ташкил медиҳанд.

Маҷмуан, дар ҳамаи давраҳои эҷодии худ шоир, пеш аз ҳама, ба мавзуъҳои иҷтимоӣ рӯ оварда, дар ҳар як шеъраш як воқеа ё мавзуи муҳимми марбут ба ҳаёти халқро бо услуби бадеиву публитсистӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Оҳанги иҷтимоӣ дар тамоми ашъори боқимондаи ӯ бо ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, муборизаҳои хастанопазири синфӣ ва муҳимтар аз ҳама садоқат ба ҳадафи доимӣ – пуштибонӣ аз халқи мазлум маълум шуда меистад.

Дар баробари назми оламшумулаш А.Лоҳутӣ дар ҷодаи наср низ қувваозмоӣ карда, чанд асари арзишманди насрӣ ба мерос гузоштааст, ки дар омӯзиши рӯзгори ӯ ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии замони зиндагиаш маълумоти фаровоне медиҳанд. Дар ин қисмати диссертатсия чанд асари насрии ӯ, аз ҷумла «Тарҷумаи ҳол», «Саргузашти ман», «Хон-доӣ», «Як тиру се нишон» ва «Зиндагонии ман», ки ба Лоҳутӣ нисбат дода мешавад, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Ин асарҳо дар асоси инъикоси масъалаҳои муҳими иҷтимоиву сиёсии замон, услуби нигориши нависанда, жанри онҳо сирф асарҳои публитсистӣ ба шумор мераванд. Барои мисол дар "Саргузашти ман" публитсист дар баробари дар хусуси зиндагии хонаводаи худ маълумот додан, ҳақиқати рӯзгори нобасомону вазъи душвори ҷомеаи Эрони охирҳои асри XIX-ро ба қалам додааст.

Асарҳои насрии А.Лоҳутӣ бо воқеияти таърихӣ, руҳияи муборизиву халқпарварона ва арзиши баланди ахлоқии худ ҷойгоҳи махсус доранд. Ба таъкиди профессор А.Саъдуллоев «воқеияти сотсиалистӣ, ки наср ва публитсистикаи Лоҳутӣ аз он бархӯрдор аст, неруи бузурге будааст, ки тамоюли инкишофи инсониятро дар заминаҳои таҳқиқи илмӣ мушаххас мегардонанд, эҳсосу пешомадҳоеро ба миён меоранд, ки чун уфуқҳои

[1] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ. 6 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – С.171.
[2] Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 1. – Сталинобод, 1956. – С. 54.

муҳташами фалсафӣ шинохта мешавад»[1]. Дар асарҳои насрии адиб мо дар баробари воқеяти замон ва таҳлили амиқи вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаҳои гуногун, ки худи ӯ дар он зиндагӣ кардааст, шоҳиди маҳорати баланди нигорандагии Лоҳутӣ дар ин самти эҷод мегардем. Забони асарҳои насрии ӯ оммафаҳм буда, нависанда кӯшиш кардааст, ки ба воқеаҳои реалӣ ҷомаи бадеӣ пӯшонда, онҳоро таъсирнок баён кунад. Дар тасвири лаҳзаҳои ҷудогона бозарофат сухан гуфтан хусусияти хоси насри Лоҳутӣ ба шумор меравад, ки ин усули баён ҷолибияти асарҳои насрии ӯро бештар кардааст.

Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва эҷоди асарҳои публитсистӣ барои матбуот, ки як бахши қавӣ ва асосии эҷодиёти А.Лоҳутӣ ба ҳисоб меравад, аз замони барои таҳсил ба Теҳрон рафтан ва шиносоӣ пайдо кардани ӯ бо ҳавзаҳои инқилобӣ шурӯъ гардидааст. Дар ҳаракатҳои мардумии солҳои 1907-1911 Лоҳутӣ ва ҳамсафонаш бо назардошти таъсири амиқи матбуот дар бедории шуури мардум ва даъвати омма ба муқобили сохти шоҳӣ аз ин қувва бештар истифода мекунанд. Дар ҳамин давра ҳаҷвияву ашъори инқилобии Лоҳутӣ дар рӯзномаҳои маъруфи “Эрони нав”, “Чантаи побараҳна”, “Шарқ” ва дигар рӯзномаҳои демократии Эрон пайваста нашр мегардид.

Дар соли 1916 Лоҳутӣ дар Кирмоншоҳ газетаи наверо бо номи “Бесутун” нашр мекунад. Ин газета органи ташкилоти сиёсии “Фирқаи коргарӣ” ба шумор мерафт, ки онро низ Лоҳутӣ бо ҳамдастии шариконаш ташкил намуда буд.

Дар солҳои муҳоҷират дар Туркия Лоҳутӣ дар ҳамдастӣ бо равшанфикрони эронии муҳоҷир, аз ҷумла Ҳасанхони Муқаддам (Алии Наврӯз) маҷаллаи «Форс»-ро бо забонҳои форсиву фаронсавӣ таъсис медиҳад.

Баъди ба ИҶШС омаданаш низ Лоҳутӣ аввал бо матбуоти Нахҷувону Озарбойҷон ва Гурҷистон ҳамкорӣ кардааст. Робитаи ӯ бо матбуоти тоҷикӣ ва Тоҷикистон маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд омад. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Тоҷикистони сурх», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Пионери Тоҷикистон», «Роҳи Ленинӣ», «Комсомоли Тоҷикистон» ва ғайра дар баробари шеъру достонҳо, мақола, очерку лавҳа ва мактубҳои зиёди ӯ ба нашр расидаанд, ки фарогири мавзуву масъалаҳои гуногунанд.

Пажуҳиш нишон дод, ки А. Лоҳутӣ дар рушди матбуоти тоҷик бо фаъолияти ташкилотчигӣ, маҳорати эҷодӣ, муҳаррирӣ ва роҳбариву роҳнамоии худ хизматҳои шоён анҷом додааст. Таъсиси аввалин нашриёти давлатӣ дар Тоҷикистон дар соли 1925 бо кумаки ӯ, ки ҳамзамон аввалин директори ин муассиса буд, барои рушди матбуот дар кишвар нақши бориз гузоштааст. Ҳамчунин устод Лоҳутӣ дар тарбияи кадрҳои журналистӣ дар кишвари мо саҳми арзишманде дорад.

Боби дуюми диссертатсия – **“Махсусияти ғоявӣ ва таносуби мавзуъҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ”** низ аз ду фасл иборат буда, ба таҳлилу баррасии мавзуъҳои байналхалқӣ дар осори публитсистии адиб ва мавқеъгирии ӯ дар баробари муҳимтарин воқеаҳои замон бахшида шудааст.

---

[1] Саъдуллоев, А. Гузаргоҳ ва равзанаҳои абадият / А. Саъдуллоев // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Материалҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 33.

Фасли аввали ин боб – “**Таснифоти мавзуии масъалаҳои байналхалқӣ”** класификатсияи мавзуии масъалаҳои байналхалқӣ дар осори публитсистии адибро фаро гирифтааст. Дар ин қисми диссертатсия мавзуъҳои байналхалқии публитсистикаи адиб шартан ба 4 қисм ҷудо карда шудааст:

- Масъалаи Шарқ
- Аврупо ва сиёсати мустамликавии Англия
- Сари қудрат омадани фашизм дар Аврупо
- Америка ва сиёсати геополитикии он

Дар ин доира асарҳои ба мавзуи “Масъалаи Шарқ” бахшидаи Лоҳутӣ бартарият дорад. Дар аввалин шеърҳои эҷодкардаи ӯ васфи хубиву зиштиҳои Шарқ, проблемаву муаммои он ба назар ҷилвагар мешавад. Дар ин доира адиб, пеш аз ҳама, муносибатҳои сиёсиву иқтисодии мамлакатҳои муқтадири сармоядории ғарбиро бо давлатҳои Шарқ ва ё “зиддияту кашокаши байни давлатҳои Аврупоро дар сари тақсимоти сарвату сарзамини Шарқ ифода мекунад”[1]. Лоҳутӣ ба ин масъалаи муҳимми сиёсати байналхалқӣ дахолат карда, пеш аз ҳама, аҳли Шарқро ба иттиҳод ва ҳифзи марзҳову сарватҳои табиияшон даъват менамояд ва онҳоро ба мубориза зидди истилогарони хориҷӣ мехонад.

Дар баробари ин ӯ бекифоятии режимҳои сиёсӣ дар ҷомеаи шарқи мусалмонӣ, нуфузи барзиёди руҳониён дар корҳои давлатдорӣ, беҳиммативу камсайъии шарқиён, табиатии ғуломии мардуми ин минтақаи бузурги олам, камсаводиву аз кори ҷамъиятӣ дур будани занон, бегонапарастӣ ва фирефтаи фарҳанги ғайр шудани гурӯҳе аз пешқадамони Шарқро сабабгори асосии ақибмонии Машриқзамин арзёбӣ мекунад. Ин мазмунро адиб дар асарҳои “Хитоб ба миллати Эрон”, “Ё ҳар ду”, “Шамъу парвона”, “Қурбони рӯшноию нуру сафои Шарқ”, “Яке Руму яке Юнон парастад”, “Нӯшам ба шодмонии он дам шароби сурх”, “Гар бихоҳӣ, метавонӣ”, “Бархез”, “Эй фаълаи Машриқ, алами сурх ба по кун”, “Таронаи инқилоб” ва даҳҳо асарҳои дигар ба таври возеҳ баён доштааст.

Масъалаи Аврупо ва сиёсати мустамликавии кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафтаи он дар осори публитсистии А.Лоҳутӣ аз замоне, ки фишори неруҳои истилогари Англия ва Россияи подшоҳӣ ба Эрон зиёд мешавад, мавқеи марказӣ касб мекунад. Дар ашъори то ба Иттифоқи Шуравӣ омадан эҷодкардаи худ дар алоқамандӣ ба сиёсати мустамликавии кишварҳои абарқудрат Лоҳутӣ аз халқи Эрон ва умуман оммаи Шарқ даъват мекунад, то ба муқобили англисҳо ва дигар душманони хориҷӣ, ки ватани онҳоро мустамликаи худ карда, ба озодӣ ва истиқлолияти онон таҷовуз намудаанд, мубориза баранд ва озодии худро рӯёнда гиранд.

Пас аз муҳоҷират ба Иттифоқи Шуравӣ ва шиносоӣ бо идеологияи давлати советӣ диди Лоҳутӣ ба масъалаҳои байналхалқӣ то андозае тағйир меёбад. Дигар ӯ дар мубориза бо сармоядорон ҳамчун пуштибони синфи коргару деҳқони тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мурочиат мекунад ва онҳоро ба

[1]Ваҳҳобов, Р. Абулқосим Лоҳутӣ ва «Масъалаи Шарқ» / Р. Ваҳҳобов // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Маводҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 60.

мубориза барои озодӣ мехонад. Давлати Шуравиро Лоҳутӣ ҳамчун такягоҳи асосии синфи коргари дунё тасвир намуда, мамлакатҳои сармоядории Аврупоро поймолкунандагони ҳуқуқи коргарон ва идомадиҳандагони анъанаҳои феодалӣ дар шакли нав ба риштаи тасвир мекашад. Дар шеъру достонҳои худ вобаста ба мавзуъҳои сиёсати байналхалқӣ нақши харобкоронаву хасмонаи истисморгарони ғарбиро ошкор намуда, мазаммат менамояд. Чунончӣ, дар шеъру достонҳои “Босмачӣ”, “Мо зафар хоҳем кард”, “Тоҷикистон”, “Ба коргарони Боку”, “Сафари Фарангистон” дар симои давлатҳои сармоядории Аврупо пуштибони ҷараёнҳои сиёсиеро мебинад, ки мехоҳад мазлумони нав ба озодӣ расидаро дубора ғулому бандаи худ кунанд.

Бо вуҷуди бархурдҳои тунду тезаш вобаста ба мавқеи сиёсии давлатҳои ғарбӣ Лоҳутӣ аз омӯзиши фарҳанги онҳо ҳеҷ гоҳ рӯй намегардонад ва аз дигар адибони советӣ низ даъват ба амал меорад, ки “мероси мадании тамоми оламро аз худ карда, онро ба манфиати сотсиализм”[1] кор фармоянд.

Асарҳои ба мавзуи сари қудрат омадани фашизм дар Аврупо ҳанӯз аз оғози солҳои сиюми асри гузашта дар осори публитсистии ӯ пайдо шудаанд. Дар шеърҳои “Фардо”, “Ба коргарони Боку”, “Шолой ва Фюрист”, “Ба челюскиниҳо”, “Сигнал”, “Аз халқи Тоҷикистон ба халқи Испания”, “Дар ҷаҳони бедод” ва як қатор шеъру достонҳои дигари ӯ дар ин хусус ишораҳо шудааст. Ӯ аз аввалин рӯзҳои ба қудрат расидани ин низом дар баъзе давлатҳои Аврупо онро маҳкум намуда, халқи ҷаҳонро муқобили ин ҷараён даъват мекард. Аз ҷумла ҳамлаи Италияи фашистӣ ба Ҳабашистон, ки миёнаҳои солҳои сиюми асри гузашта рух дода буд, нафрати ӯро ба ин равияи номатлуб ба маротиб афзуд. Ин рафтори зиддибашарии фашистони итолиёвиро, ки дар он асосан мардуми осоишта, хоса кӯдакону занон қурбон шудаанд, адиб дар шеъри “Дар ҷаҳони бедод” ба шиддат маҳкум кардааст.

Фашист ҳам аз ҷинси башар гар ба шумор аст,
Хунхортар аз ҷинси башар ҷонваре нест[2].

Баъди оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ А.Лоҳутӣ ба ҳайси идеологи барҷастаи шуравӣ бо як қатор шеърҳои ҷангиву ватандӯстона баромад мекунад. Ба таъкиди А.Абдуманнонов “руҳи ҷаговаронаи шеъри ӯ, ки дар тули тамоми роҳи эҷодиаш хомӯш намешуд, дар ашъори ин давра бо қувваи садчанд зуҳур намуд”[3]. Баъди сар даровардани Германияи фашистӣ ба ҳудуди ИҶШС аз миёни тамоми адибони Тоҷикистон шеъри аввалинро зидди Гитлеру ҳамсафонаш Лоҳутӣ навишта дар рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” нашр намудааст. Ин шеър дар шумораи 24-уми июни соли 1941, нахустин шумораи баъди ҳуҷуми Германия ба ИҶШС бо номи “Халқи Советӣ ҷумла мусаллаҳ шаванд” нашр гардидааст. Баъдан, он дар маҷмуаву куллиёти шоир бо номи “Мӯр ва офтоб” бо андак таҳрир чоп шудааст.

Баъд аз ин шеър ҳам Лоҳутӣ то анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ қариб дар ҳар шумораи “Тоҷикистон сурх” шеъру достонҳои нав ба нави худро нашр

[1] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – С. 236.
[2] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.2 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – С. 143.
[3] Абдуманнонов, А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов. – Душанбе, 1987. – С. 60.

карда, гоҳе аз қаҳрамониҳои фарзандони советӣ дар фронт ва гоҳе аз музаффариятҳои меҳнаткашон дар ақибгоҳ қисса мекард.

Доир ба Америка дар осори публитсистии то давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонии Лоҳутӣ ишораҳо ҳастанд, аммо онҳо бештар ба қудрати иқтисодии ин давлат ва пешрафти саноат дар он рабт мегиранд. Дар хусуси қудрати сиёсии Америка ва нақши он дар сиёсати геополитикии сайёра аз солҳои баъдиҷангӣ шеъру мақолаҳои шоир пайдо шудан мегирад. Як таваҷҷуҳ ба таърихи Америка ҳам нишон медиҳад, ки маҳз дар ҳамин замон ин давлати абарқудрати дунё ҳамчун яке аз пештозони сиёсати геополитикии ҷаҳон дар баробари Иттифоқи Шуравӣ сар баланд кард ва аз иқтидори сиёсии худ ба таври ошкоро хабар дод.

Нахустин шеърҳои зиддиамрикоии Лоҳутӣ дар заминаи ҷангҳои байни Америка ва давлатҳои шарқӣ дар нимҷазираи Корея навишта шудаанд. Дар ин радиф метавон шеърҳои "Дар Кура" (Корея, - З.Б.), "Духтари халқи далер", "Ба халқи Кура", "Офтоб дар қатра", "Эй духтари халқи Кура, эй марди Кура" ва дигарҳоро ном бурд. Дар ин асарҳо, ки аз олитарин намунаҳои осори публитсистии оғози солҳои 50-уми асри гузашта вобаста ба масъалаҳои байналхалқӣ мебошанд, Лоҳутӣ аз дахолати Америка ба корҳои сиёсии кишварҳои Шарқ ва халалдор намудани сулҳи ҷаҳонӣ сухан меронад.

Дар ҳама асарҳои ба сиёсати геополитикии Америка бахшидаи худ Лоҳутӣ онро ҳамчун як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ ва низомӣ пешрафта эътироф мекунад, вале ба сиёсати ҷаҳонгирии он зид мебарояд. Сиёсати мустамликавии Америкаро идомаи сиёсати мустамликавии Англия ва дигар кишварҳои империалистии аврупоӣ дар ҷаҳон медонад, ки ба зарари кишварҳои ақибмонда меанҷомад ва хусусияти зиддибашарӣ дорад.

Дар фасли дуюми ин боб, ки **"Муносибат ва мавқеи адиб ба авзои сиёсии замон"** ном дорад, шарҳи масъалаҳои байналхалқӣ аз нуқтаи назари Лоҳутӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, мавқеъ ва муносибати ӯ ба воқеаву рӯйдодҳои муҳими сиёсии замон, аз қабили ҳуҷуми империалистони хориҷӣ ба давлатҳои ақибмондаи Машриқ, ҷанги якуми ҷаҳонӣ, инқилоби Октябр дар Россия, рақобати системаиҳои сотсиализм ва капитализм, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, муборизаҳои геополитикии ИҶШС ва ИМА муайян шудааст.

Дар оғози муборизаҳои сиёсии худ дар Эрон Лоҳутӣ ба хотири озодӣ ва саодати халқи мазлум вориди майдонҳои ҷанг шуда, ба муқобили ҳукумати шоҳӣ, ки барои бақои тоҷу тахт пайваста халқи мазлумро ғорат мекард, мубориза бурдааст. Дар ҳамин замина ӯ дар осори публитсистиаш ҳамдастии дину дарборро дар истисмори синфи коргар дар ҷомеаи шарқӣ фош намуда, онро маҳкум мекунад. Ин мавзуъ дар баробари назми иҷтимоӣ дар осори насрии ӯ, аз ҷумла дар фелетони "Хон-доӣ" низ ба таври ошкоро баррасӣ шудааст.

Дар самти мубориза бо истилогарони хориҷӣ, Лоҳутӣ аз замоне ба таври ҷиддӣ иқдом кард, ки давлатҳои империалистии Англия ва Россияи подшоҳӣ артиши худро расман вориди хоки Эрон карда, дар идораи ҳукумати он таъсирашон беш аз пеш афзуд. Акнун онҳо дар баробари таъсир расонидан ба корҳои давлатдорӣ, ҳамчунин дар ошубҳои халқӣ фаъолона ширкат карда,

мардуми башӯромадаро террор мекарданд. Лоҳутӣ дар яке аз мактубҳояш ҳолати онвақтаи Эронро тасвир карда, чунин навиштааст: "Эрон дар фишори ҳамсояҳои пурзӯр – подшоҳии рус ва империалисти ғаддори инглис ҷон меканд. Туркия мавқеъро ғанимат шумурда мисли дузди паст, ки шабона аз гӯри мурдаҳо кафан медуздад, мехост кафши кӯҳнаи Эрони дами ҷон доданро аз поҳои берангу беҳаракаташ бароварда ғорат кунад. Олмониҳои Вилҳелм аз соҳиб шудани инглису рус ба Эрон метарсиданд ва бо зӯри пул тарафдороне ба даст оварда буданд, ки ба нафъи онҳо таблиғот мекарданд"[1].

Лоҳутӣ омили аз ҳама нанговари роҳ ёфтани аҷнабиёни истилогарро ба давлатҳои Машриқ ҳамкории ҳукуматҳои маҳаллӣ бо империалистони хориҷӣ барои ҳифзи тоҷу тахт мебинад, ки мутаассифона ин ҷараён имрӯз ҳам ҷомеаи Шарқро домангир аст. Мисоли инро дар муборизаҳои сиёсӣ барои ба даст овардани ҳукумат дар кишварҳои Афғонистон, Ироқу Сурия, Либия ва дигар давлатҳо дида метавонем, ки барои ҳалли ин низоъҳо Америка ва давлатҳои Аврупо аз як тараф ва Россия аз тарафи дигар фаъолона иштирок мекунанд. Ин омилро Лоҳутӣ як аср пеш барои ҷомеаи шарқӣ ба худкушӣ баробар хонда буд:

Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,
Ки дидам, тоза бо гург улфате бошад шубонамро[2].

Аз ҷониби дигар табиати ғуломӣ ва камсаъйии аҳли Шарқ, ки ба ҳама ҷабру зулм ва таҳқири истилогарони хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо таҳаммул мекунанд, Лоҳутиро ба ғазаб меорад.

Солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914-1918) қисман ба давраи муҳоҷиратҳои Лоҳутӣ ба Туркия рост меояд, ки ин давлат яке аз иштирокчиёни фаъоли он ба шумор мерафт. Аз ин рӯ ӯ нисбат ба ин ҷанг ва оқибати он бетарафона муносибат накарда, мавқеи худро бо эҷоди як силсила асарҳо муайян намудааст. Суръат бахшидани раванди мустамликакунонии истилогарони аврупоиро, ки бо сабаби афзоиши иқтидори иқтисодиашон анҷом медоданд, шоир асоси ҷанги якуми ҷаҳон арзёбӣ кардааст:

Ҷанги башар андар сари нафъу зарар аст,
Сармояи ин нафъу зарар симу зар аст[3].

Дар шеъри "Ба ятимони ҷанги ҷаҳонӣ" ба ҷузъиёти ҷанг бештар ишора шуда, тарроҳони он намояндагони синфи муфтхӯр ва ситамгар арзёбӣ мешаванд. Дар ин асар омилҳои аслии Ҷанги якуми ҷаҳонро устод Лоҳутӣ ба манфиатҳои иқтисодии байни абарқудратҳои аврупоӣ вобаста медонист, ки натиҷаи он овораву бадбахт шудани ҳазорҳо инсон аст.

Мавзуи инқилоби Октябр ва ташкилшавии Иттифоқи Шуравӣ дар публитсистикаи Лоҳутӣ мавқеи хос дорад. То замони барқарор шудани ҳукумати шуравӣ ӯ Россияро давлати империалистии таҷовузкор ва пуштибони хоинону душманони халқ тасвир мекунад. Аз ҷумла, дар шеъри "Хотираи машъуми Раҳимхон" Лоҳутӣ аз Россияи подшоҳӣ ҳамчун "паноҳгоҳи мардони

---

[1] Лоҳутӣ, А. Ба Х. Мирзозода / А. Лоҳутӣ // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6. – Душанбе: НДТ, 1963. – С. 155.
[2] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ. 1. Нашри дуввум / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – С. 143.
[3] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.3 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 176.

беномус" ном бурдааст. Илова бар ин, дар мактубу мақолаҳо ва нутқу баромадҳои худ Лоҳутӣ аз камбудиҳои зиёди сиёсати Россияи подшоҳӣ ёдовар шуда, сабаби ба вуҷуд омадани инқилобҳои болшевикӣ дар онро маҳз дар чунин сиёсати нодуруст шарҳ медиҳад.

Таъсиси Ҳукумати Шуравиро баъд аз инқилоби Октябр Лоҳутӣ на танҳо барои миллати рус, балки барои ҳама миллату халқияти тобеи сарзаминҳои он ҳаётбахшу омили рушди дигарбора арзёбӣ мекунад. Ин идея махсусан дар нутқу баромадҳои ӯ хубтар ифода ёфтааст. Аз ҷумла, дар нутқи адиб дар сессияи АФ ИҶШС бахшида ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолии Тоҷикистон, ки аз 10 то 20 апрели соли 1933 дар Ленинград доир шуда буд (он таҳти унвони "Қувваи ҳаётбахш" дар рӯзномаи "Тоҷикистони сурх", журнали "Барои адабиёти сотсиалистӣ" ва дигар нашрияҳои ҳамон замон чоп шудааст), гуфта шудааст, ки Иттифоқи Шуравӣ ва Партияи Коммунистии он "... халқҳои хурду калонеро, ки номашон фаромӯш гардида ва ба дараҷаи ҳеҷ расидааст, зинда месозад"[1].

Дар асарҳои ба ин мавзуъ бахшидаи Лоҳутӣ ҳаёти сиёсии ду давраи гуногуни мардуми як сарзамини паҳновари дунё ҳамин гуна шарҳу тафсир ёфтааст. Ӯ дар асарҳояш дар ин хусус ҳамчун шоҳиди аслии сиёсати ҳарду ҳукумат баромад мекунад. Аз диди публитсисти нуктасанҷ инқилоби Октябр мардуми рус ва халқиятҳои дигари тобеи онро аз як марҳилаи душвори сиёсӣ ба марҳилаи наву дурахшон ворид кардааст.

Мавзуи муборизаи системаҳои сотсиалистию сармоядорӣ ва аҳаммияти байналхалқии ғалабаи сотсиализм дар публитсистикаи солҳои сиюми Лоҳутӣ мавқеи марказӣ касб мекунад. Чунин воқеаҳо ба Лоҳутӣ, ки худро намоянда ва пуштибони синфи коргару деҳқон медонист, бетаъсир намемонд. "Ман шоири шеърпеша нестам, – мегӯяд Лоҳутӣ. – Ман фақат вақте менависам, ки ягон воқеа ё мавзуъ маро то амиқтарин гӯшаи қалбам мутаассир гардонад ва ботинан маро талқин намояд: чизеро, ки дар бораи ин мавзуъ медонӣ, чизеро, ки вақти навиштани он аст ва барои синфи ту манфиат дорад, бинавис!"[2]. Лоҳутиро, бештар аз ҳама, бедор шудани халқи мазлуми давлатҳояшон мустамликашуда хурсанд мекунад. Омили аслии бедории онҳоро шоир озодиву дастовардҳои меҳнаткашони давлати советӣ медонад, ки ба мазлумони дунё намуна гардида буд. Ин мазмунро адиб дар манзумаи "Мо зафар хоҳем кард" ва достони "Сафари Фарангистон" ҷой додааст. Дар ин асарҳо адиб мавзуи муборизаи системаҳои сотсиалистиву сармоядориро дар самтҳои гуногун ба таври мухталиф шарҳ дода, бартарии сотсиализмро дар ҳамаи самтҳо бо мисолҳои дақиқ нишон медиҳад.

Ба мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик низ Лоҳутӣ пештар аз ҳама қаламкашони дигар рӯ овардааст. Дар рӯзи аввали ҳуҷуми Германияи фашистӣ ба ИҶШС (22 июни соли 1941) Лоҳутӣ дар Митинги меҳнаткашони шаҳри Душанбе, баъд аз котиби КМ ПК(б) Тоҷикистон

---

[1] Лоҳутӣ, А. Қувваи ҳаётбахш / А. Лоҳутӣ // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6. – Душанбе: НДТ, 1963. – С. 178.

[2] Лоҳутӣ, А. Оид ба озодии эҷодиёт // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6. – Душанбе: НДТ, 1963. – С. 222.

Д.З. Протопопов баромад намуда, чунин мегӯяд: "Беҳаёгии бемислу монанди сагони девонаи фашистӣ беҷазо нахоҳад монд. Ин сагони фашистӣ аз куҷое, ки омадаанд дар ҳамонҷо нест карда мешаванд"[1]. Аз ҳамин аввалин баромади худ А.Лоҳутӣ муносибат ва мавқеашро дар алоқамандӣ ба ин воқеаи нангини таърихи инсоният муайян кардааст. Чун дар гузашта ӯ дар ин давраи мураккаби сиёсӣ низ дар сафи пеши ҳампешагонаш қарор гирифта, аз оғоз то анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ тақрибан ҳар ҳафта асарҳои гуногунжанри ӯ дар матбуоти умумисоветӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ нашр мегарданд.

Дар шеъри "Ҷанги одам ва дев" Лоҳутӣ мақсади нопоки Гитлер ва пайравони ӯро бандаву асир кардани одамони дунё ва ҳукмронӣ дар сайёра арзёбӣ мекунад. Адиб муносибати онҳоро бо ҷомеаи башарӣ аз дарандагони ваҳшӣ бадтар хонда, чунин гуфтааст:

Гитрели нокас, ҳунар ҷуз қатлу вайронӣ надорад,
Дар тамоми ҳастияш осори инсонӣ надорад.
....Сад ҳазорон ҷинси худро, зинда чун сӯзонад одам?
Ин шаковат ҳеҷ як аз ҷинси ҳайвонӣ надорад[2].

Аз ҳамин хотир Лоҳутӣ тамоми ҷомеаи дунёро бар зидди фашистон мехонад ва нобудии "гургони олмонӣ"-ро вазифаи ҳамаи одамони сайёра медонад.

Мавзуи ҷаҳони дуқутба ё рақобати сиёсии Америка бо Иттифоқи Шуравӣ дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ дар замони баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон мавқеъ пайдо мекунад. Маҳз бо анҷоми ҳамин воқеаи мудҳиши башарӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ дар муқобили Иттифоқи Шуравӣ ҷои сармоядорону империалистони аврупоиро Америка мегирад. Мубориза ин ду қудрати ҷаҳонӣ аз ҷангҳои идеологӣ шурӯъ шуд ва Лоҳутӣ ҳамчун як идеологи барҷастаи советӣ аз нахустин марҳилаҳои ин ҷараён ба муқобили сиёсати амрикоӣ баромад кард. Дар асарҳои ба ин мавзуъ бахшидаи худ ӯ сиёсати ҷангҷӯёна ва ғасбкоронаи ин давлати абарқудрати ҷаҳонро ошкору маҳкум карда, онро сабабгори ҷангу хунрезиҳои нав дар олам арзёбӣ менамояд. Ин мазмунро адиб аз ҷумла дар шеърҳои "Дунёи қарни бист", "Деви ҷанги нав" ба таври бисёр возеҳ маънидод менамояд. Дар ин асар муаллиф сиёсати ду давлати абарқудрати ҷаҳонро, ки барҳақ пешбарандаи сиёсати дунё буданд, дар қиёс нишон дода, кӯшиши якеро барои сулҳ меситояд ва талоши дигарро барои ҷанг мазаммат менамояд.

Дар кӯшиш аст давлати шуро барои сулҳ,
Дар ҷӯшиш аст давлати Амрик бахри ҷанг[3].

Пажуҳиши асарҳои ба мавзуи авзои байналхалқӣ бахшидаи Лоҳутӣ нишон медиҳад, ки ӯ ба авзои сиёсии замон ба ҳайси як шореҳи сиёсӣ назар карда, мавқеи худро нисбат ба воқеоти муҳимми давр муайян кардааст. Дар ҳама марҳилаҳои ҳаёту фаъолияташ ӯ нисбат ба рӯйдодҳои сиёсии замон бетараф нест ва бо нишон додани омилҳои муассири воқеаву рӯйдодҳои муҳим, равандҳои номатлуби даврро ҷасурона маҳкум намуда, барои ҳалли масоили

---

[1]Митинги меҳнаткашони шаҳри Сталинобод дар Парки маданият ва истироҳати ба номи Ленин // Тоҷикистони сурх. – 1941. – 24 июн.
[2] Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.3 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 33.
[3] Лоҳутӣ, А. Дунёи қарни бист / А. Лоҳутӣ // Садои Шарқ. – 1955. – № 2. – С. 9.

мубрам пешниҳоди фарзияҳои ҷолибе ироа мекунад. Дар давраҳои гуногун сиёсати ҷангҷӯёнаву истисморгароёнаи қудратҳои ҷаҳониро аз қабили Британияи Кабир, Италияву Германияи фашистӣ ва Америка ошкор намуда, давлатҳои ақибмондаву рӯ ба рушдро аз фитнаҳои онҳо огоҳ мекунад. Аз муборизаҳои мазлумони Ҳиндустону Миср, Эрону Хитой, халқҳои Иттифоқи Шуравӣ ва Ҳабашистон ба муқобили сармоядорони империалист ва фашистони аврупоӣ ҷонибдорӣ намуда, дар ин самт мазлумони дунёро ба ҳамдастӣ ва иттиҳод даъват менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия **"Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси масъалаҳои байналхалқӣ"**, ки шомили ду фасл аст, масъалаи имконоти истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар баррасии проблемаҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар баёни андешаҳои моҳияти байналхалқидошта устод А. Лоҳутӣ ҳама гуна "шаклҳои устувори инъикоси ҳаёти воқеӣ"[1]-ро истифода кардааст. Таҳқиқ нишон дод, ки истифодаи аносири жанрҳои публитсистӣ дар назми ӯ нисбат ба насраш бештару рангинтар аст.

Дар миёни асарҳои дар матбуот нашргардидаи Лоҳутӣ навъҳои се гурӯҳи жанрҳои публитсистиро во хӯрдан мумкин аст. Аммо, аз сабаби он ки дар баррасии масъалаҳои байналхалқӣ худи адиб бештар жанрҳои таҳлилиро кор фармудааст, дар фасли аввали ин боб – **"Шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасии минтақаву ҷаҳон дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ"** маводи дар қолаби ҳамин гурӯҳи жанрҳо таҳияшударо интихоб ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Дар ин қисмати диссертатсия муайян шудааст, ки Лоҳутӣ дар шарҳи масъалаҳои байналхалқӣ имконоти жанрҳои мақола, нигориш ва мактубро мусоид ёфта, дар қолаби ин жанрҳо як қатор навиштаҳои ҷолибе офаридааст.

Бо истифода аз имконоти васеи шарҳу тавзеҳ дар мақола А.Лоҳутӣ ин жанрро ҷиҳати баррасии мавзуъҳои байналхалқӣ нисбатан бештар истифода кардааст. Қисми зиёди мақолаҳои ӯ масъалаҳои сохтмони сотсиализм, фарҳангу адабиёт, мактабу маориф, забон, саноатикунонии иқтисодиёти Иттифоқи Шуравӣ ва дигар мавзуъҳои рӯзмарраи замони зиндагиашро фаро мегиранд, вале қиёси он ба вазъи соҳаҳои дахлдор дар давлатҳои сармоядорӣ, ки рақибони давлати советӣ ба шумор мерафтанд, диди муаллифро ба вазъи соҳоти гуногун дар минтақаву ҷаҳон ифода карда, ба онҳо аҳаммияти байналхалқӣ бахшидаанд. Барои мисол мақолаи "Чӣ гуна ба зери байрақи Ленин омадаам" ба самараи таълимоти ленинизм дар муборизаҳои сиёсӣ ва таъсири он ба муаллифи мақола бахшида шуда бошад ҳам, публитсист барои тавзеҳи фикри худ аз муборизаҳои истисморгарони Англия ва Россияи подшоҳӣ барои ба даст овардани Эрону Ироқ, ки муҳимтарин воқеаҳои сиёсии вақт дар Шарқи наздик ба шумор мерафтанд, ёдовар мешавад.

Дар мақолаи "Оид ба озодии эҷодиёт" бошад, ба мавзуи муборизаи системаҳои сотсиалистӣ ва сармоядорӣ дахл мекунад. Аҳаммияти сиёсии ин мақола дар он аст, ки ин ҷо "воқеаву рухдодҳои ҷудогона чун ҷузъи таркибии

---

[1] Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С.49.

воқеаю рӯйдодҳои бузург”[1] ҳаллу фасл гардида, мавқеи публитсистро ба вазъи замон нишон додааст.

Дар мақолаҳои то замони ба Иттифоқи Шуравӣ омаданаш Лоҳутӣ дилхоҳ масъалаҳои муҳимми замонро бо усули қиёс дар ҷуғрофиёи васеъ ба баррасӣ мегирад ва дар доираи мавзуи мушаххас вазъро дар минтақаҳои гуногун муайян мекунад. Дар мақолаи “Эрон ва удабои он” муаллиф вазъи адабиёт ва адибонро дар Шарқу Ғарб қиёс карда, таҷрибаи мағрибиёнро барои тараққии соҳа муфид дармеёбад. Андешаву қиёси публитсист роҷеъ ба мавзуи баҳс, аз як тараф, амиқии назари муаллиф ва ҷолибияти онро афзуда бошад, аз ҷониби дигар, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ин самт то андозае роҳро нишон медиҳад.

Дар публитсистикаи Лоҳутӣ ҳамаи навъҳои мақола (сармақола, мақолаҳои директивӣ, мақолаҳои тарғиботӣ (пропагандистӣ) ва мақолаҳои мубоҳисавӣ)[2], истифода шудааст, аммо дар баррасии мавзуъҳои байналмилалӣ публитсист имконоти мақолаҳои проблемавӣ ва назариявиро бештар истифода кардааст.

Барои тавзеҳи масъалаҳои байналхалқӣ А. Лоҳутӣ дар осори публитсистии худ дар баробари мақола аз жанри нигориш, ки ба мавзуъҳои сиёсӣ бештар дахл мекунад, истифода кардааст. Дар асарҳои дар ин қолаб таҳияшуда публитсист бештар бар он кӯшидааст, ки навиштаҳои ба замони муайян дахлдорро дар шакли обзор ба диққати хонандагон бирасонад. Асарҳои ҷолибе аз қабили “Қувваи ҳаётбахш”, “Маданият ва миллатҳо дар Иттифоқи Советӣ”, “Ба пешвози бистсолагии Октябр”, “Адабиёти тоҷик” ва ғайра дар ҳамин қолаби жанрҳои таҳлилии публитсистика пешниҳод шудаанд. Мавриди зикр аст, ки бештари нигоришҳои Лоҳутӣ дар асл дар шакли нутқу баромадҳо аз ҷониби ӯ дар ҷаласаҳои муҳимми умумииттифоқию байналхалқӣ эрод гардидаанд, вале баъдан бо андак коркард аз ҷониби муаллиф ва шояд баъзан бо ҳиммати ходимони матбуот дар саҳафоти рӯзномаву маҷаллаҳо нашр гардидаанд, ки қолаби нигоришро касб кардаанд.

Мактуб аз дигар жанрҳои таҳлилӣ аст, ки дар осори публитсистии Лоҳутӣ, барои шарҳу тавзеҳи масъалаҳои байналхалқӣ васеъ истифода гардидааст. Ҳарду навъи мактуб – мактуби кушод ва номаҳои беунвон, ки дар адабиёти илмӣ шинохта шудаанд, дар осори Лоҳутӣ фаровон истифода гардидаанд. Имконоти мактуби кушодро публитсист дар тавзеҳу баррасии масоили байналхалқӣ бамаврид истифода кардааст. Дар мактубҳои худ “Ба Х.Мирзозода”, “Ба Яҳё Исаев”, “Ба М.Занд”, “Ба Ромен Роллан”, “Ба Всеволод Иванов” ин адиби сиёсатдон дар баробари расонидани салому пайғом ва шарҳи ҳоли худ аз як қатор мушкилоту муаммои ҷаҳони пуртаззод ёдовар мешавад ва сабабу омилҳои онро тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар ду мактуб ба Холиқ Мирзозода аз 16 декабри 1948 ва 29 феврали 1949 Лоҳутӣ дар хусуси вазъи мураккаби сиёсӣ дар Эрони оғози асри XX ёдовар мешавад ва сабабҳои нобасомонии он рӯзгорро ба риштаи таҳлил мекашад. Яке аз сабабҳои аслии

[1]Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А. Саъдуллоев, П. Гулмурод. – Душанбе: Сино, 1998. – С.15-16.
[2] Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – С. 64.

бадбахтии зодгоҳи худро дар он замон Лоҳутӣ дар таъсири барзиёди империалистони хориҷӣ дар идораи давлат ва роҳ ёфтани навкарони онҳо дар мансабҳои давлатӣ арзёбӣ мекунад. "... ҳукумати Эрон аз навкарҳои содиқи давлатҳои хориҷа ташкил мешуд... Эътидолиюн (ҳизби ҳокими вақт – З.Б.), ки қувваи иҷроияи муҳимме аз унсурҳои қотил, дузд, авбош ва беномусон доштанд, олати иҷрои фармонҳои арбобони худ – сафоратҳои аврупоӣ ва амрикоӣ ва гоҳе Туркия буданд"[1]. Дар ин ҷо имконоти жанри мактуб ба муаллиф замина ба вуҷуд овардааст, ки ҳақиқати рӯзгори худ ва муосиронашро дар чунин як дарваи душвори таърихӣ ба тафсил баён намояд.

Дар номаҳои беунвон – навъи дигари мактуб, дар осори публитсистии Лоҳутӣ доираи шарҳу тафсир ва инъикоси воқеаҳои минтақавию байналмилалӣ васеътар мегардад. Дар ин навъи номаҳои публитсистии ӯ характери фардии муносибати муаллиф ба номагир кам гашта, ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-сиёсии мактуб зиёдтар мешавад. Дар мактубҳои "Ба халқи Ҳинд", "Ба коргарони Донбасс", "Ба рӯзномаи "Комсомолетс Востока", "Ба анҷумани якуми Иттифоқи нависандагони Қазоқистон", "Ба санъаткорони ӯзбек", "Ба Иттифоқи нависандагони Гурҷистон", "Ба Иттифоқи нависандагони Озарбойҷон" ва ғайра ин ҷиҳати мактубҳои публитсист бараъло намудор мешавад.

Дар осори публитсистии Лоҳутӣ истифодаи дигар жанрҳои таҳлилӣ аз қабили мухбирномаву тақриз низ ба назар мерасанд, вале мавзуи ин жанрҳо ба масоили хоҷагидорӣ, коллетивкунонии хоиҷагиҳо, бунёди заводу фабрикаҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва ИҶШС, мактабу маориф ва илму фарҳанг бахшида шудаанд, ки ба мавзуи пажуҳиш камтар дахл доранд.

Дар фасли дуюми боб **– "Руҷуъҳои публитсистӣ дар назми иҷтимоии адиб"** ашъори ба масъалаҳои байналхалқӣ бахшидаи публитсист аз нигоҳи шакли пешниҳод ва ҳунари нигорандагӣ пажуҳиш шудааст.

Муҳаққиқони публитсистика бар он назаранд, ки жанрҳои публитсистӣ фақат дар навъи наср навишта намешаванд. "Назм, наср, драматургия дар публитсистика вазифаи шаклро ба душ доранд. Онҳо муайянкунандаи жанр шуда наметавонанд. Масалан, памфлет хоҳ мақолавор таълиф шавад, хоҳ мисли интермедия ва хоҳ дар қолаби ғазал муҳтаво ва ҳадафи он бозгӯяндаи хислати жанраш мебошанд"[2]. Аз ҳамин нуқтаи назар аксари ашъори Лоҳутӣ шаклан дар қолаби жанрҳои адабӣ эҷод шуда бошанд ҳам, мазмунан онҳо бозкунандаи муҳимтарин мавзуъҳои замони адиб мебошанд ва характери даъватӣ, сафарбарнамоӣ, тарғиботиву ташвиқотиро доранд, ки бо ин хосият ҷавҳари публитсистиро соҳибанд.

Ҷои шак нест, ки устод Лоҳутӣ аксари шеърҳояшро маҳз барои рӯзномаҳо навишта ва дар он қолаби зарурии хоси матбуотро дар шакли назм истифода кардааст. Аз ҳамин ҷиҳат аносири жанрҳои публитсистӣ дар таркиби ин гуна шеърҳо бараъло намудор мегардад. Дар ин радиф махсусан шеърҳое, ки ба мавзуъҳои сиёсати байналхалқӣ бахшида шудааст, бартарият доранд. Барои

---

[1]Лоҳутӣ, А. Ба Х. Мирзозода / А. Лоҳутӣ // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6. – Душанбе: НДТ, 1963. – С. 157.
[2]Усмонов, И.К. Журналистика / И.К. Усмонов. Қисми 1. – Душанбе: Империал групп, 2005. – С. 319.

мисол, дар шеъри “Дар Калкатта” шоир воқеаи террори халқи заҳматкашро дар назди қасри шоҳ тасвир мекунад. Дар ин шеър аносири жанри репортаж бараъло ба назар мерасад. Муаллиф воқеаро аз мавқеи ҷойгиршавии сарбозони шоҳ ба муқобили халқи мазлум, ки барои адолат гирди ҳам омода, талаби бештар кардани музди меҳнаташонро доранд, то оташ кушодани сарбозон ҷониби онҳову кушта шудани тӯдаи заҳматкаш дар назди майдони қаср тасвир кардааст.

Дар шеъри “Марги марди инқилобӣ” аносири жанри лавҳа бисёр возеҳ намоён мегардад. Ин шеърро адиб ба яке аз роҳбарони инқилобҳои мурдумӣ барои озодии Эрон Ҳайдар Амӯ-ӯғлӣ бахшидааст, ки бо хиёнати роҳбари қувваҳои мусаллаҳи миллии Эрон Кӯчикхон дар зиндон кушта шудааст. Дар ин асар муаллиф ду лаҳзаи зиндагии қаҳрамони худ – баҳси Ҳайдар Амӯ-ӯғлӣ бо Кӯчикхон дар хусуси роҳу равиши мубориза зидди қушунҳои шоҳӣ ва замони тирборон шудану ҷон додани ӯро бисёр муассир тасвир намудааст.

Дар шеърҳои “Ба Шоллоӣ ва Фюрист”, «Хост Янкӣ каме шикор кунад» ва «Иртиҷои дун» имконоти жанри луқма дар қолаби назм кор бурда шудааст. Дар ин асарҳо муаллиф ба ҷиҳатҳои иҷтимоию ахлоқии масъала фаъолона дахолат намуда, хосияти муҳимми луқма унсурҳои ҳаҷву тамасхур ва баёни ҳаҷвиро ба мавқеъ истифода кардааст.

Дар шеърҳои «Ваҳдат ва ташкилот», «Эй фаъла и Машриқ, алами сурх ба по кун», «Фатҳи Донбасс», «Ба коргарони Боку», «Сигнал» ва ғайра унсурҳои жанри фаъолтарини матбуот – мақоларо дидан мумкин аст.

Ба ҳамин монанд дар таркиби назми публитсистии устод Лоҳутӣ унсурҳои бисёр жанрҳои дигар, аз ҷумла мактуб (“Ҳадя ба халқи муборизи Испания”, “Аз халқи Тоҷикистон ба халқи Испания”, “Ба Ҷамбул”, “Ба Ромен Роллан”), нигориш (“Ҷашни понздаҳсолагӣ”), фелетон (“Хотираи маъшуми Раҳимхон”, “Ҷанги одам ва дев”) ва ғайраро дидан мумкин аст. Махсусан истифодаи жанрҳои памфлету фелетон дар назми публитсистии Лоҳутӣ хеле зиёд кор фармуда шудааст. Ин публитсист, ки бо ҳаҷв сухан гуфтан дар муқобили рақибони идеологиро бештар announced меписандад, имконоти ин жанрро дар ин роҳ мувофиқ ёфтааст ва дар асарҳояш зиёд истифода кардааст. Махсусан дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар осори Лоҳутӣ ин жанрҳо мавқеи аввалиндараҷа касб кардаанд.

Аз омӯзиши назми иҷтимоии адиб маълум мегардад, ки ӯ давра ба давра бо ворид кардани масъалаҳои иҷтимоӣ дар назми советӣ барои дигар кардани мундариҷаи шеъри муосири мо хизмати шоиста карда, бо ин роҳ чашми халқро ба воқеияти рӯзгори нав мекушояд. Ҷанбаи байналхалқии назми Лоҳутӣ аз муҳимтарин хусусияти публитсистикаи ӯ ба шумор меравад.

# ХУЛОСА

Дар баҳо додан ба сиёсати ҳама гуна режимҳои сиёсии ҷаҳон Лоҳутӣ муносибат ба синфи коргару деҳқонро барои худ меъёр муайян кардааст. Ӯ ба ҳама гуна шаклҳои давлатдорӣ ва режимҳои идоракунанда аз ҳамин нуқтаи назар муносбат намуда, мавқеъ ва муносибати худро ба он муайян кардааст. Лоҳутӣ то охирин нафас худро намояндаи синфи коргару деҳқон медонист ва ҳар режиму сиёсатеро, ки нисбат ба ин табақа зулмро раво медид, ҷасурона интиқод ва маҳкум мекард. Сарчашмаи ба муборизаҳои беохир ворид шудани Лоҳутӣ ҳам ҳимоят аз ҳамин табақаи мазлум ва талош баҳри озодии онҳо ба шумор мерафт, ки ӯ дар ин ҷода то охир ба қавли худ содиқ монд. Дар тамоми осори публитсистии ӯ ҳамин арзиш мавриди баҳс қарор мегирад.

Душманони синфи худро Лоҳутӣ дар ҳама давраҳои зиндагиаш – чи дар Эрон, чи дар Ироқу Туркия ва чи дар Иттифоқи Шуравӣ ошкор намудаву ба шиддат маҳкум намудааст. Дар Эрон нахуст феодалону режими шоҳӣ ва баъдан сармоядорони маҳаллиро бо пуштибонии империалистони хориҷӣ ҳамчун табақаи истисморгари аҳли заҳмат шинохта, муқобилашон ҳам бо силоҳ ва ҳам бо сухан мубориза бурдааст. Дар Ироқу Туркия ҳам мубориза бо ҳамин табақаро идома дод. Дар Иттифоқи Шуравӣ майдони муборизаҳои ӯ баҳри ҳимояи заҳматкашон васеътар шуда, сарҳади ин кишвари паҳноварро убур намудаву, аз як тараф, то Аврупову Америка ва, аз тарафи дигар, то Шарқи Дур расид. Солҳои аввали фаъолият дар Иттифоқи Шуравӣ ин адиби мубориз нахуст душманони синфи худро дар дохили ҷамъияти ҳамин кишвари сермиллат ҷуст ва онҳоро дар мисоли боёни золиму босмачиён ва дигар равияҳои иртиҷоӣ ёфт, ки ҷамъияти сотсиалистиро қабул надоштанд. Ба муқобили ин табақаи аҳолӣ беамон мубориза бурд. Баъдан дар симои давлатҳои сармоядориву империалистии ғарбӣ, махсусан англисҳо, пуштибонҳои онҳоро фош кард, ки мехостанд ҷамъияти навбунёдро ноором карда аз байн бубаранд. Бо вориди майдони мубориза шудан бо онҳо устод Лоҳутӣ заҳматкашони тамоми сайёраро ба иттиҳод даъват намуда, дар ин масир таъсири суханаш ба ҳар кунҷи дунё расид. Ҳамин гуна бо пажуҳиши масъалаҳои байналхалқӣ дар осори публитсистии Лоҳутӣ ба чунин натиҷаҳо расидем:

1. Заминаи аслии ҳамчун адиби иҷтимоӣ шинохта шудани Лоҳутӣ ин фаъолияту ҳамкории давра ба давраи ӯ дар нашрияҳои умумифорсиву Иттифоқи Шуравӣ, аз қабили «Ҳаблулматин» (Ҳиндустон), «Эрони нав», «Шарқ», «Чантаи побараҳна», «Бесутун» (Эрон), «Форс» (Туркия), «Гизил шарг» (Озарбойҷон), «Овози тоҷик», «Раҳбари дониш», «Дониш ва омӯзгор», «Тоҷикистони сурх», «Комсомоли Тоҷикистон», «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (Узбекистону Тоҷикистон), «Восток», «Правда», «Советская литература» (Россия) ва даҳҳо рӯзномаву маҷаллаи дигари умумииттифоқиву байналмилалӣ ба шумор меравaнд. Ин робитаи бисёр наздик ва доимии ӯ бо матбуоти замон боис гардидааст, ки тақрибан тамоми осори назмиву насрии ӯ дар руҳияи баланди публитсистӣ эҷод гардида, хосияти замону макон, проблеманокӣ, масъалагузорӣ, шиору даъват, ҳукм, баҳсу баррасӣ дар ҳамаи онҳо ба мушоҳида мерасад [1-М; 4-М; 5-М].

2. Ба ҳайси як сиёсатмадор ва идеологи барҷаста дар мубориза бо душманони синфӣ ва идеологӣ ӯ ҳама имконотро истифода карда, гоҳе бо силоҳ ва гоҳе бо қалам мубориза бурдааст. Муборизаҳои идеологии ӯ ба муқобили давлатҳои сармоядории империалистӣ бисёр муассир будаанд. Дар ин масир ӯ ба дигар ҳампешагонаш роҳ кушода, дар ҳамин замина ба шеъри сиёсиву байналхалқӣ дар адабиёти муосири мо асос гузоштааст [8-М; 9-М; 10-М].

3. Адиб ба ҳар як масъалаи байналхалқӣ бештар аз мавқеи идеологӣ муносибат намуда, душманони синфӣ ва истисморгарони хориҷиро, ки дар ғорат намудани сарватҳои кишварҳои ақибмонда ва ғулом намудани аҳли заҳмати онҳо даст доранд, ба таври ошкоро маҳкум намудааст [3-М; 8-М].

4. Аз рӯи аҳаммият ва арзиши мавзуъҳо гуфтан мумкин аст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ дар осори назмии адиб мавқеи баландтар доранд. Дар ин радиф масъалаҳои муҳимми сатҳи байналмилалӣ, аз қабили ба мустамлика табдил додани давлатҳои ақибмондаи Шарқ ва Африка аз ҷониби абарқудратҳои ғарбӣ, ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳон ва таъсири онҳо ба низоми сиёсии дунё, ба қудрат расидани фашизм дар Аврупо, ҳуқуқи инсон, сиёсати хориҷии Иттифоқи Шуравӣ, талоши қудратҳои сиёсии ҷаҳон сари тақсимоти сарватҳои табиии сайёра, сиёсати геополитикии Америка ва монанди инҳо дар назми публитсистии адиб роҳ ёфтаанд [2-М; 7-М].

5. Лоҳутӣ, пеш аз ҳама, шахсият буд, ки дар камол ёфтани он чанд идеология таъсир ва нақш дошт. Дар таблиғу ташвиқи идеологӣ аз ӯ ҳам дар Эрон ва ҳам ИҶШС хеле хуб истифода кардаанд. Илова бар ин худи ӯ ҳам бо амри дил пайваста дар ҷангҳои иттилоотӣ ширкати фаъол дошт ва қаламкашони дигарро низ ба он даъват мекард. Дар муборизаҳои идеологӣ ӯ дар мадди аввал манфиатҳои синфи коргару деҳқонро ҳимоя мекард ва ҷонибдори сиёсате буд, ки ин табақаи аҳолиро пуштибонӣ менамуд [2-М; 8-М].

6. Дар як навъ қиёс (зиндагии адиб дар Эрон, Ироқ, Туркия) дар Иттифоқи Шуравӣ, дар самти таълифи асарҳои ба мавзуъҳои байналхалқӣ бахшидашуда, ҳам аз нигоҳи теъдоди матолиб ва ҳам мазмуну муҳтаво пешравиҳо ба назар мерасад [3-М; 8-М].

7. Донистани чандин забон ва мукотибаҳову мутолиаҳои бевосита ба адиб имкон додааст, ки аз авзои ҷаҳон пайваста воқиф бошад. Ҳамин аст, ки баъзан чун як шореҳу коршинос нисбат ба равандҳои сиёсӣ муносибат карда, барои дарки онҳо ба омма мусоидат мекунад [2-М; 4-М; 5-М].

8. Дар мубориза бо синфи муфтхӯру истисморгар Лоҳутӣ тамоми воситаҳои таъсиррасонӣ – ҳам жанрҳои адабӣ ва ҳам публитсистиро дар қолабҳои назму наср истифода кардааст. Дар ҷодаи ошкор намудани равандҳои номатлуби ҷомеа, махсусан, фош кардани ҳадафҳои ишғолгароёнаи давлатҳои империалистӣ ӯ, аз як ҷониб, аз имконоти жанрҳои публитсистии мақолаву мактуб, нигориш ва фелетону памфлетро истифода карда бошад, аз ҷониби дигар, имконоти жарнҳои адабии қасида, маснавӣ ва ғазалу рубоиро низ дар ин самт, бо шакли анъанавӣ, вале бо мазмунҳои нави иҷтимоӣ-сиёсӣ бамаврид

истифода карда, дар ин ҷода ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст [3-М; 9-М].

9. Дар осори публитсистии худ, махсусан асарҳое, ки ба масъалаҳои байналхалқӣ бахшида шудаанд, Лоҳутӣ аз имконоти ҳаҷв васеъ истифода кардааст. Бо ин роҳ ӯ аҳдофи зиддибашарии душманони синфиву идеологиро ошкор ва мазаммат карда, саркардагони онҳоро бо усулҳои ҳаҷв масхара ва маҳкум намудааст [3-М; 4-М; 8-М].

10. Сабку услуби адиб дар заминаи донишу ҷаҳонбиниҳои замонавӣ ва воқиф будан аз осори классикон шакл пайдо кардааст. Бартарии ӯ дар ин ҷода, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ӯ дар ҳама гуна шаклҳои эҷодӣ мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоиро ворид намуда, мақоми мавзуъҳои байналхалқиро дар адабиёту публитсистикаи мо ба дараҷаи баланд расонидааст [4-М; 8-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиву таҳқиқ маълум гардид, ки доир ба масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи адибону публитсистони тоҷик, аз ҷумла Абулқосим Лоҳутӣ, дар таҳқиқоту мақолаҳои алоҳида ишораҳо шуда бошад ҳам, то ҳол таҳқиқи монографӣ дар ин хусус сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ дар ин пажуҳиш кӯшиш шудааст, ки осори ба мавзуъҳои байналхалқӣ бахшидаи Лоҳутӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, ба ин восита мавқеи ӯ доир ба муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии ҷаҳонӣ ва нақши адиб дар шаклгирии шуури ҷамъиятӣ нишон дода шавад.

Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он тавсияҳои зерин пешниҳод мегардад:

1. Матолиби диссертатсия дар оянда метавонад, барои омӯзиши ҳамаҷониба ва фарогир дар самти мавзуоти муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ, мавқеъгирии публитсистони тоҷик дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами байналхалқӣ, нишон додани мавқеи А.Лоҳутӣ дар майдони сиёсат ва публитсистика, риояи тавозуни воқеияту бадеият дар осори публитсистӣ мусоидат намояд.

2. Ҷанбаҳои назарии ин таҳқиқот метавонад, барои навиштани мақолаҳо, таҳияи васоити таълимӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, машғулиятҳои амалии таърихи публитсистикаи тоҷик, махсусиятҳои публитсистии насру назми адибон, шинохти вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ истифода шавад.

3. Диссертатсия метавонад ба эҷодиёти мунаққидоне, ки ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни осори публитсистон ва публитсистикаи сиёсӣ машғул ҳастанд, дар самти дарёфти маводи илмӣ ва таълимӣ ёрӣ расонад. Ҳамзамон хулосаҳои диссертант ва нуктаҳои асосии рисола дар вақти тадриси фанҳои назарияи публитсистика ба кор меояд.

4. Натиҷагириҳои илмии ин пажуҳиш метавонад, мавқеи адибонро нисбат ба масоили сиёсиву иқтисодӣ, ислоҳотхоҳӣ, дараҷаи фаврият ва тезутундии нуқтаи назар нисбат ба факту ҳаводисро тақвият бахшида, усули таҳқиқ ва хулосаву каломи таъсиргузори журналистӣ дар эҷоди адибонро такмилу таҳаввул бахшад.

5. Дар асоси маводи ин пажуҳиш таҳияи курсҳои махсус вобаста ба маҳорати нигорандагӣ ва шарҳи масоили сиёсати байналхалқӣ аз назари публитсистони тоҷик роҳандозӣ кардан мумкин аст, зеро дар диссертатсия дар хусуси шарҳи масоили мубрами ҷаҳонӣ аз диди публитсистони тоҷик ва нақши онҳо дар самти ба вуҷуд овардани афкори омма вобаста ба режимҳои мухталифи сиёсӣ маводи арзишманди илмию таърихӣ истифода шуда, ҳамзамон нуқтаи назар ва таҳлилҳои илмии муаллиф низ манзур шудааст.

6. Истифода аз усулҳо ва қолабҳои эҷоди публитсистӣ дар самти шарҳу баррасии мавзуъ ва масоили марбут ба сиёсати байналхалқӣ, ки дар диссертатсия шарҳи илмӣ ёфтааст, барои публитсистону рӯзноманигорони ВАО муфид мебошад.

7. Таҷрибаи фаъолияти рӯзноманигорӣ ва мавқеъгириҳои сиёсии А. Лоҳутӣ дар баробари воқеаҳои мубрами сиёсии ҷаҳон ба публитсистони имрӯза, ки дар шароити феълӣ аксаран зери таъсири расонаҳои мухталиф маводи ғаразноку носаҳеҳро ба омма пешниҳод намуда, бо ин роҳ идеологияи бегонаро тарғибу ташвиқ мекунанд, намунаи ибрат буда метавонад. Махсусан, дар самти ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити мубрами муборизаҳои иттилоотӣ ва таҳоҷуми фарҳанги бегона болои мардуми кишварҳои хурд ва иқтисодашон нисбатан қафомонда рӯ овардан ба таҷрибаи чунин публитсистон аз манфиат холӣ нест.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Зоиров, Б. Нақши Абулқосим Лоҳутӣ дар рушди матбуот дар Тоҷикистон [Матн] / Б. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 302-306.

[2-М]. Зоиров, Б. Саҳифаҳои зиндагонии А. Лоҳутӣ дар Туркия [Матн] / Б. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 199-204.

[3-М]. Зоириён, Б.Ш. Мавқеи наср дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ [Матн] / Б.Ш. Зоириён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2020. – № 1/3 (77). – С. 41-46.

[4-М]. Зоириён, Б.Ш. Абулқосим Лоҳутӣ ва рушди матбуоти умумифорсӣ [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов, Б.Ш. Зоириён // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – № 2 (31). – С. 18-26.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ**

[5-М]. Зоиров, Б. Лоҳутӣ ва таъсиси маҷаллаи «Форс» дар Туркия [Матн] / Б. Зоиров // Журналистикаи байналхалқӣ – Х (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – С. 168-172.

[6-М]. Зоиров, Б. Ремаркаи муаллифӣ дар асари публитсистӣ [Матн] / Б. Зоиров // Журналистикаи байналхалқӣ – Х (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – С. 97-103.

[7-М]. Зоиров, Б. Баъзе масъалаҳои марбут ба об дар публитсистикаи Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / Б. Зоиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ» (ш.Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 113-119.

[8-М]. Зоириён, Б. Муҳиту фазои ғайр ва ташхису дарки Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / Б. Зоириён // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2021. – С. 64-68.

[9-М]. Зоириён, Б. Сиёсати геополитикии Англия аз нигоҳи Лоҳутӣ [Матн] / Б. Зоириён // Журналистикаи байналхалқӣ – XII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2022. – С. 38-44.

[10-М]. Зоириён, Б.Ш. Инъикоси масъалаҳои байналмилалӣ дар барномаҳои иттилоотии Радиои Тоҷикистон [Матн] / Б.Ш. Зоириён // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Радиои муосири тоҷик: вазъ ва дурнамо» (ш. Душанбе, 6-уми апрели соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 122-131.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

На правах рукописи

УДК: 070.13 (575.3) (72.12. 2Т)

**ЗОИРИЁН БАХТИЁР ШОДИБЕГ**

# МЕЖДУНАРОДНАЯ ПРОБЛЕМАТИКА В ПУБЛИЦИСТИКЕ АБУЛКАСЫМА ЛОХУТИ

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание учёной степени

кандидата филологических наук по специальности 10.01.10 – Журналистика

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертационная работа завершена на кафедре международной журналистики факультета журналистики Таджикского национального университета

**Научный руководитель:** **Кудбуддинов Абдулмумин Хошимович** – доктор филологических наук, декан факультета журналистики Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:** **Саидмуроди Ходжазод** – доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедры таджикского языка Государственного педагогического университета имена Садриддина Айни;

**Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры журналистики ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава».

**Ведущая организация:** Государственное образовательное учреждение «Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзаде».

Защита диссертации состоится «21» декабря 2023 года, в 13:00 часов на диссертационном совете 6D.КОА-020 при Таджикском национальном университете (адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус №10, зал учёного совета факультета филологии).

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17) и сайте www.tnu.tj .

Автореферат разослан «___» ___________ 2023 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
доктор филологических наук Сироджиддин Эмомали

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В истории государственности каждого народа изучение международной тематики с целью конкретизации политической ситуации времени и взаимоотношений с зарубежными странами считалась и считается не только очень важной, но достаточно актуальной. Эта тема, наряду с особым отношением различных государственных структур, всегда была в центре внимания журналистов и публицистов, которые проявляли свой специфический интерес к общественно-политической и экономической жизни страны, результатом которого стал большой пласт опубликованных материалов, отображающих преобразования времени.

Беглый взгляд на страницы таджикской прессы эпохи Советского Союза показывает, насколько важным было внимание к этой теме в нашем недавнем прошлом, какой вклад в ее обсуждение и изучение внесли писатели и публицисты. Одним из публицистов, уделивших этой теме много внимания и вынесших ее наряду со страницами печати на широкое поле литературы, является известный поэт Абулкасым Лахути.

В эпоху глобализации исследования отображения международных проблем в средствах массовой информации и творчестве отдельных публицистов приобретает особое значение для любого общества. В этом направлении целесообразно изучение работ, посвященных данной теме. В нашей литературе и публицистике немало работ, дающих оценку политическим процессам того времени и всесторонне рассматривающих эту тему. Авторы, обратившиеся к этой теме, в первую очередь, стремятся открыть людям глаза на важные события современного мира и помочь осознать опасные процессы времени. Эту цель мы можем наблюдать в жизни и творчестве многих великих писателей Востока, где А. Лахути отличается от всех остальных авторов по многим критериям и главным отличием было то, что он боролся за счастье рабочего и крестьянского класса (угнетённого класса общества) не только словом, но и оружием в руках. Именно этот фактор усиливал его прозаическую и поэтическую деятельность, давая ему массу преимуществ на этом пути. Бескомпромиссная борьба против колонизаторов Англии, царской России, Германии и Османской Турции и их приспешников, которые стремились к порабощению более отсталых и слабых стран Востока, в частности родину поэта – Иран, определило отношение и позицию поэта в плане политико-социальных течений того времени. В этих процессах писателя, глубоко любящего простых трудящихся, рабочих и крестьян, особо интересовало гнетущее деспотическое отношение эксплуататоров к угнетенным народам и зверское разграбление природных богатств отсталых стран западными капиталистическими странами.

В своих публицистических работах Лахути вскрывает нечистые и корыстные цели могущественных стран Европы и Америки по отношению к бедным странам, считая их геополитические цели, особенно по отношению к странам Востока, первопричиной всех их несчастий. Именно поэтому важным считает объединить против эксплуататоров все отсталые страны в единый

кулак, объединенную борьбу. Работы, написанные Лахути в этом направлении, всё еще не утратили своего значения, а его предположения и думы на этот счет по-прежнему актуальны. В этой связи исследование международных тем в публицистическом творчестве Лахути, особенно в период глобализации, имеет очень важное значение.

**Степень изученности темы**. О жизни и творчестве А. Лахути проведены ценные исследования и изыскания как во времена СССР, так и после его распада в основном, в трех странах – Таджикистане, России и Иране.

Одним из первых исследователей жизни и творчества Лахути считается С. Айни. Устод Айни, как в книге «Образцы таджикской литературы», так и в ряде отдельных писем и статей, о бесценных произведениях А. Лахути выразил свое мнение и особенно высоко оценил социальные и реалистические аспекты его творческого наследия. Русские и таджикские исследователи Э. Бертельс[1], А. Адилис[2], З. Османова[3], Я. Ориёнпур[4], Г. Амири[5], А. Башири[6], Ш. Ҳусейнзода[7], С. Табаров[8], Х. Мирзозода[9], Я. Исаев[10], Р. Мусулмониён[11], Ю. Акбаров[12], А. Абдуманнонов[13], Х. Отахонова[14], Х. Асозода[15], А. Махмадаминов[16] и другие исследовали различные аспекты биографии и творческого наследия писателя-поэта. В этих исследованиях творчество А. Лахути оценивалось в основном с литературоведческой точки зрения, но почти во всех упоминалось о публицистической деятельности и публицистических аспектах его творчества. Это связано с тем, что его творческая деятельность была тесно переплетена со средствами массовой информации, и все его произведения берут свое начало из реальной жизни, а герои его произведений также реальные и исторические люди. Социальный аспект творчества Лахути многократно рассматривался литературоведами на примере поэтических произведений автора.

---

[1] Бертелс, Э. Лоҳутӣ / Э. Бертелс // Девон. (Чопи форсӣ). – Москва: Нашриёти давлатии «Адабиёти бадеӣ», 1939. – С. 5-27.

[2] Адилис, А. Абулькасим Лахути / А. Адилис // Абулькасим Лахути. Избранное. – Москав: Государственное издательство художественной литературы, 1949. – С. 3-6.

[3] Османова, З. Жизнь и творчество Абулькасима Лахути / З. Османова // Абулькасим Лахути. Избранное. – Москва, 1959. – С. 5-12.

[4] Ориёнпур, Я. Аз Сабо то Нимо / Я. Ориёнпур. Ҷилди дуюм. – Теҳрон, 1351. – 480 с.

[5] Амирӣ, Ғ. Гузидаи ашъори Абулқосим Лоҳутӣ / Ғ. Амирӣ. – Кирмоншоҳ, 1384. – 232 с.

[6] Баширӣ, А. Дебоча / А. Баширӣ // Девони Лоҳутӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Сипеҳр, 1358. – С. 5-111.

[7] Ҳусейнзода, Ш. Санъаткори сазовори аср / Ш. Ҳусейнзода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – №5-6.

[8] Табаров, С. Адиби сухандон ва муборизи майдон / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 32 с.

[9] Мирзозода, Х. Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутӣ / Х. Мирзозода // Лоҳутӣ А. Куллиёт. Ҷ.6. – Душанбе, 1963. – 257-272.

[10] Исаев, Я. Лоҳутӣ – сарояндаи револютсияи октябр / Я. Исаев // Шарқи сурх. – 1957. – №12.

[11] Мусулмонқулов, Р. Фуруғи шеъри ҷонпарвар / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984.

[12] Акбаров, Ю. Ашъори Лоҳутӣ дар хориҷа / Ю. Акбаров, Ҳ. Шодиқулов // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 209-217.

[13] Абдуманнонов, А. Абулқосим Лоҳутӣ / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

[14] Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1982.; Чеҳраҳои шинохта. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 176 с.

[15] Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 300 с.

[16] Маҳмадаминов, А. Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 100 с.

Исследователи А. Садуллоев[1], И. Усмонов[2], А. Нуралиев[3], П. Гулмуродзода[4], Ф. Наджмонов[5], М. Муродов[6], А. Азимов[7], С. Хайдаров[8], С. Гулов[9] и Б. Кутбиддинов[10] дали общую информацию о журналистской деятельности и некоторых социальных аспектах творчества Лахути в отдельных статьях и исследованиях. Однако публицистические работы А. Лахути остаются недостаточным образом исследованными. Поэтому данное исследование можно назвать первым относительно полным исследованием публицистической деятельности поэта.

**Связь исследования с научными программами и/или темами**. Выводы данного исследования могут способствовать улучшению существующих учебных программ. Тема диссертации является частью научно-исследовательских работ кафедры международной журналистики и факультета журналистики Таджикского национального университета.

## ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Основной целью исследования является анализ и всестороннее изучение публицистических произведений А. Лахути, направленных на освещение международной проблематики, определение позиции и отношения публициста к политическим процессам того времени.

**Задачи исследования.** В рамках исследуемой темы вытекает решение следующих задач:

– определение степени влияния текущей ситуации на формирование творческой личности автора и его восприятия происходящих политических событий;

– отображение основных направлений творческой деятельности Лахути и выявление злободневных тем в его прозе и поэзии;

– конкретизация границ журналистской деятельности Лахути и его связи с прессой, степени его участия в учреждении и создании газет и журналов;

---

[1] Саъдуллоев, А. Гузаргоҳ ва равзанаҳои абадият / А. Саъдуллоев // Устод Лоҳутӣ ва назми инқилобии Шарқ. (Материалҳои конференсияи илмӣ). – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 32-38.

